*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Нахимов ,64/4*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда ба талаботи бандҳои: «5.4. Рушди методҳои арзёбии хавфҳо ва таъсири онҳо ба арзиши бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои муносибгардонии сандуқи мазкур; 10.16. Системаи мониторинг ваояндабинии хавфҳои бонкӣ»-и ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пурра мутобиқат менамояд.

2. **Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити муосири рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон низоми бонкӣ таъмини дараҷаи устувори сифати сандуқи қарзӣ ва дастрасии шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба сармояи қарзии дорои хусусиятҳои дарозмуҳлату фоизнокии нисбатан пастарро ба сомон мерасонад. Бояд қайд намуд, ки дар ин раванд яке аз вазифаи асосии ташкилотҳои қарзӣ бо сармояи қарзӣ таъмин намудани соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёти кишвар мебошад. Аз тарафи дигар, дар ин раванд яке аз масоили рушди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ табдил додани ташкилотҳои қарзӣ арзёбии идоракунии хавфҳои карзии онҳо ба ҳисоб меравад. Инчунин хавфи қарзӣ ҳамчун нишондиҳандаи сифатии баҳодиҳии устувории молияии низоми бонкӣ ҳангоми баҳодиҳии дараҷаи ноустувории раванди молиявии низоми бонкиро таъсири манфӣ мерасонад. Аз таҳқиқҳо бар меояд, ки аз фаъолияти пурсамару босуботи низоми бонкӣ рушди бемайлони иқтисоди миллӣ, шаклгирии мақсадноки муносибатҳои байналмилалӣ, баэътидолории мушкилоти иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон вобаста буда мавқеи ин низом дар сохтори бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон буда,

қисмати зиёди дороиҳои бахши молиявии мамлакатро дар бар мегирад. Дар ин раванд ҷой доштани номуайяниҳо ва хавфҳои эҳтимолие, ки дар низоми бонкӣ дараҷаи баланди таъсиррасонӣ доранд, дар маҷмуъ, барои низоми иқтисодии мамлакат таҳдидкунанда мебошанд. Бо назардошти ин дар низоми хавфҳои молиявӣ хавфи қарзӣ аз зумраи он номуайяниҳое мебошад, ки бо дигар хавфҳои молиявӣ алоқаманд буда, сабабгор ё тавлидгари намудҳои гуногуни хавфҳо низ шуда метавонад. Бо назардошти таъмини амали шудани Стратегияи миллими рушди Тоҷикистон то соли 2030 талабот ба қарз ва дастрасӣ ба сармоягузории қарзӣ афзуда, омили таъсиргузор ба ин раванд идоракунии хавфҳои қарзӣ мебошад, ки аҳамияти мавзуи диссертатсияро муайян мекунад.

Аз тарафи дигар, аҳаммияти рисоларо зарурати муносибати махсус ба таҳлил ва арзёбии хавфҳои қарзӣ дар шароити муосири фаъолияти низоми бонкӣ бо мақсади такмили низоми идоракунии онҳо тасдиқ мекунад. Бояд қайд намуд, ки бисёр масъалаҳое, ки дар низоми идоракунии хавфҳои қарзии, дигаргуншавии шароити хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, номукаммал будани механизми муосир ҳоло ҳалли худро наёфтаанд. Бо назардошти ин зарурати такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст ва ин аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертасионии Оев Анис Давлатович гувоҳӣ медиҳад.

## 3. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

Масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда ҷанбаҳои муҳими методологӣ ва методии такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои карзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир дар бар мегирад. Бояд тазаккур дод, ки ҳануз ҳам дар адабиёти муосири илмӣ нисбати муносибатхои ташкиливу иктисодии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои карзӣ ҳанӯз ақидаи ягона мавҷуд нест.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки асоси назариявию методологии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии мактабҳо ва назарияҳои асосии иқтисодӣ доир ба принсипҳои идоракунии субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, дар ҳамбастагӣ бо таҳлили сатҳи макро- ва микро имконият доданд, ки ҳодисаю равандҳо ба пуррагӣ таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои методологии алоҳидаи соҳа ба тариқи муфассал ошкор карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқи рисола усулҳои абстраксияи илмӣ, муқоиса, синтез, индуксия ва дедуксия, мушоҳида, пурсиш ва тестбандӣ, ҷадвалсозӣ ва

графиксозӣ, таҳлили муқоисавӣ ва бенчмаркингӣ, таҳлили регрессионӣ-регрессионӣ, нишондиҳандаҳои алоқамандӣ, усулҳои низомнок ва ба монанди он истифода шудаанд. Ба сифати усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб гардида дар асоси он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат гирифтааст.

Дар диссертатсия муаллиф Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ва маводи иттилоотию таҳлилии нашрияҳо, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва сомонаҳои шабакаи Интернетӣ, барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ, стратегияҳои давлатӣ, маводҳои конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун, монографияҳо истифода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи маълумотҳои дақиқи оморӣ, натиҷагирии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот вобаста аст. Пешниҳоду тавсияҳо дар асоси таҳлили асосноки илмии натиҷаҳои таҳқиқоти ба анҷом расонида шуда сурат гирифтааст. Инчунин натиҷаҳои ба дастовардаи муаллифро, метавон дар раванди такмили низоми идоракунии хафҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

Ба андешаи мо унсурҳои илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои диссертатсия, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ нишон медиҳанд қисматҳои мухталифро дар бар мегирад.

Дар рисола дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва табиати иқтисодии хавф категорияи хавф маънидод карда шуда, онро ҳамчун «номуайяниҳои фаъолиятро иҳотакунанда, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ё ин, ки баръакс - дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад» ва хавфи қарзӣ «ин эҳтимолияти ба таъхир афтидани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент мебошад» арзёбӣ шудааст.

Дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии хавфҳои қарзӣ алоқамандии онҳо бо хавфҳои молиявӣ муайян гардида, омилҳои ба хавфҳои қарзӣ таъсиррасон, ки хусусиятҳои хоси шароити иқтисодии кишварро фаро мегиранд, инчунин низоми идоракунии ин хавфҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ, ки доманаи васеи таҳлилии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии қарзгирандаро дарбар мегирад, истифода намуда услуби хоси баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар асоси Базел II пешниҳод карда шуда, сохтори низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзӣ вобаста ба сатҳҳо таҳия карда шавад. Дар ин раванд дар асоси таҳлили ҳолати муосир ва устувории молиявии низоми бонкии кишвар хавфи қарзӣ омили таъсиррасон ба сифати сандуқи қарзии низом ҳисобида шуда, он ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ ҳисобида шуда, барои таъмини фаъолияти мўътадили низоми бонкӣ тавсияҳои илмию амалӣ пешниҳод ва истифодаи воситаҳои мухталифи баэътидолории хавфҳои қарзӣ зарур дониста шудааст.

Дар рисола ҷиҳати такмили заминаҳои меъёрӣ ва методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ асосҳои ниҳодии идоракунии онҳо ва услубҳои хоси таҳлил коркард гардиданд, ки онҳо дар шароити муосири низоми бонкии кишвар ҳамчун асос барои ба анҷом расонидани таҳлили хавфҳои қарзӣ имконияти истифодабарӣ доранд.

Барои таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ва баэътидолории қарзҳои батаъхирафтода бо истифода аз омори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, тамсилаи регрессионӣ пешниҳод карда шудааст, ки тибқи он таъсири мусбии дурнамои ҷараёни қарздиҳӣ ва воситаҳои самараноки раванди қарздиҳӣ дар баландбардории сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ муайян карда шаванд.

**4. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Бояд қайд кард, ки рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рўйхати адабиёт аз 179 номгўй ва 25 замима иборат буда, дар 199 саҳифаи чопӣ, 35 ҷадвал, 15 расм ва 15 диаграмма пешниҳод гардидааст.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи рисола, дараҷаи коркарди илмии масоил, мақсад ва вазифаҳои он, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳо, самти таҳқиқот ва дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои бадастомада дарҷ шудаанд (**саҳ. 4-12).**

Дар боби аввали рисола **«Асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ» (саҳ. 13-59)** таҳаввулоти назариявии хавф ва табиати иқтисодии он дида баромада шуда, мавҳуми хафҳои қарзӣ, намудҳо, омилҳои таъсиррасон ва ташаккули низоми идоракунини онҳо омўхта шуда, таҷрибаи хориҷии ташаккули низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст.

Аз таҳлили боби аввали диссертатсия бар меояд, ки бо назардошти истифодаи маводҳои зарурӣ асосҳои назариявию методии низоми

идоракунии хавфҳои қарзӣ бо назардошти нақши он дар рушди низоми идоракунии онҳо таҳқиқ карда шудааст. Дар ин радиф диққати асосӣ ба таҳаввулоти назариявии хавф ва мазмуни иқтисодии он сурат гирифтаастт. Инчунин зарурияти арзёбии таҳаввулоти назариявӣ бо назардошти таснифоти низоми хавфҳо, таъсири хавфҳои молиявӣ муайян карда шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ ба баррасии моҳияти хавфҳои қарӣ, намудҳои онҳо дар асоси тафсири назариявӣ, таснифоти хавфҳои қарзӣ гузаронида шудааст. Дар ин раванд дар асоси омӯзиш омилҳои таъсиррасон ба хавфҳои қарзӣ ва таҳлили онҳо бо мақсади баэътидолорию кам кардани эҳтимолияти зиён барои бонк ниҳоят муҳим шуморида шудааст. Инчунин таснифоти омилҳои хавфҳои қарзӣ пешниҳод карда шуда, таҳаввулоти ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ баҳо дода шудааст.

Дар зербоби сеюми боби аввали рисола натиҷаи арзёбии таҷрибаи хориҷии ташаккули низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ сурат гирифтааст боиси дастгирӣ мебошад. Аз таҳқиқи баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ дар доираи низоми рейтингӣ барои бонкҳо бар меояд, ки равишҳои баҳодиҳӣ бояд мувофиқи Базел II сурат гиранд. Аз баррасии назорати фаъолияти бонкӣ ва танзими хавфҳои қарзиро дар кишварҳои гуногун бар меояд, ки дар аксар кишварҳо услуби идоракунии хавфҳои қарзӣ бо истифода аз низомҳои рейтингӣ ҷиҳати арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истифодаи усулҳои маъмули таҳлили пардохтпазирии қарзгиранда дар шароити муосир зарур аст. Мо пешниҳоди муаллифро нисбати таснифи устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар алоқамандӣ бо хавфҳои қарзӣ дастгирӣ менамоем.

Дар боби дуюми рисола **«Таҳлил ва баҳодиҳии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.60-115)** дар асоси маълумотҳои дақиқ таҳлили ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шуда, нишондиҳандаҳои таҳлилию баҳодиҳии хавфҳои қарзии низоми бонкӣ дида баромада шуда баррасии таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба анҷом расонида шудааст.

Аз баррасии рисола бар меояд, ки таҳлили вазъи ҳозираи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодаи консепсияи коркарди механизми бозорӣ, истифодаи назарияи маркетингӣ, институтсионалӣ ва эволютсионӣ гузаронида шудааст. Дар ин раванд динамикаи рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, рушди инфрасохтори пардохтӣ, нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта шуда, таҳлили пурраи даромаднокии дороиҳо ва сармояи низоми бонкии кишварҳои мавриди омӯзиш қарордоштаро инъикос мекунанд

гузаронида шудааст. Ин ба муаллиф имконият барои баҳодиҳии низоми бонкӣ дар шароити муосир фароҳам оварда, аҳаммият ва мавқеи низоми бонкӣ бо тамоми сохторҳои иқтисодӣ алоқамандии зич пайдо намуда, вобастагии бештари он ба низоми молиявӣ асос мeёбад.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ ва муайянкунии нишондиҳандаҳои таҳлилию баҳодиҳии хавфҳои қарзии низоми бонкӣ гузаронида шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар асоси маълумотҳо меъёрҳои пазируфташудаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст. Инчунин маблағгузориҳои қарзии низоми бонкӣ аз рӯйи шакли моликият мавриди омӯзиш қарор дода шуда, гурӯҳбандии қарзҳои додашуда, пардохтшуда ва таснифшудаи ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи муҳлат гузаронида шуда, динамикаи бақияи қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи соҳаҳо сурат гирифта, сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шуда, ҳиссаи қарзҳо ва пасандозҳо нисбат бо асъори хориҷӣ муайян карда шудааст. Дар ҳақиқати муаллиф дуруст мешуморад, ки дар ин раванд ба сифати сарчашмаҳои иттилоотӣ ҷиҳати таҳлили хавфҳои қарзӣ номгӯи зиёди ҳисоботи молиявӣ баромад мекунад, ки онҳо дар зербоби мазкур шарҳу тавзеҳ гардида, меъёрҳои мақбули ҷойдошта дар самти таҳлили хавфҳои қарзӣ муайян карда шуданд.

Дар зербоби охирини ин боб таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, бонкҳо ва ТАҚХ-ро дар алоқамандӣ бо назардошти муқоисаҳо баҳо дода шудааст. Барои гузаронидани таҳлилҳои муқоисавӣ оид ба вазъи молиявии бонк ва муайян намудани нишондиҳандаҳои асосие, ки фаъолияти ояндаи бонк бевосита аз онҳо иборат мебошанд, дар сатҳи зарурӣ дар се бонки низомсози кишварро: КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата”-ро мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Диққати аоссӣ дар рисола ба таснифоти сифати сандуқи қарзии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ва таҳқиқи нишондиҳандаҳои молиявии он дода шудааст. Ин ба муаллиф имконит додааст, ки нақши калидии ин бонкро дар низоми бонкии кишвар баҳо диҳад. Инчунин дар рисола модели арзёбии беқурбшавии дороиҳои молиявӣ баҳодиҳии талафоти қарзии пешбинишударо бо тақсим кардани он ба зарарҳое, ки дар давоми сол ва дар тӯли тамоми фаъолияти дороиҳои молиявӣ пешбинӣ шудаанд, ба назар гирифта шудааст. Бо мақсади устуворгардонии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар кишвар тавсияи гузариш ба низоми муосири идоракунии хавфҳои қарзро муаллиф мувофиқи мақсад мешуморад, ки мо ин нуқтаро дастгирӣ менамоем.

Дар боби сеюми рисола **«Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.116-163)** такмили заминаҳои меъёрию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дида баромада шуда, моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ баррасӣ гардида, таҳияи дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи ҷараёни қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомон расонида шудааст.

Дар рисола ба омӯзиши вобастагии хавфи қарзӣ бо хавфи пардохтпазирӣ, меъёрҳои танзими низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ, талаботи ташкили фонд аз рӯйи таснифи қарзҳо ва таснифоти баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ аз рӯйи намудҳои қарз ҷойи асосӣ ҷудо карда шудааст. Мо тарҳи баҳодиҳии қобилияти қарзадокунии қарзгиранда, услубҳои ҳисоби индикаторҳои (маҳакҳои) хавфҳои қарзӣ, нақшаи тасвирии матритсаи гузариш/кӯчиш, усули дарахти қабули қарорҳо оид ба баҳодиҳии хавфи қарзгирандагонро муаллиф арзёби кардадаст маъкул мешуморем.

Дар ҳакикат муалиф дуруст кайд менамояд, ки нуқтаи назари мутахассисон дар амалия ва назарияи бахши бонкӣ оид ба услубҳои баҳодиҳии хавфи қарзӣ чунин натиҷагирӣ карда шуда заминаи институтсионалии рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии кишвар амал мекунад.

Аз натиҷаи таҳлили заминаи меъёрию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ як қатор норасоиҳоро ошкор карда шудааст, ки танзими он ба такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ, рушди амалиёти қарзӣ ва дар ниҳоят, ба таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ мусоидаткунанда мебошад. Бо назардошти ин дар рисола ҷиҳати таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ истифодаи методҳои ҳозиразамон ва мувофиқ ба шароити иқтисодӣ тавсия карда мешавад.

Дар зербоби дуюми ин боб ба моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ ҷойи асосӣ дар муқоисаи хусусиятҳои моделҳои баҳодиҳии хавфи қарзӣ, м одели талафоти пешбинишуда мувофиқи СБҲМ 9, арзёбии афзалиятҳои СБҲМ 9 дар муқоиса бо СБҲМ 39 ва модели нави консептуалии талафоти пешбинишаванда аз рӯйи қарз дода шудааст. Бинобар ин, барои таҳияи модели сандуқи қарзӣ ва дурнамои он зарурати истифодаи муодилаи регрессиониро муаллиф зарур мешуморад. Мо натиҷаи истифодаи моделҳои тавсифёфта ва таҳлилу ҳисобшудаи андозагирӣ ваояндабинии хавфҳои қарзӣ барои идоракунии онҳо шароити мусоид дар ин самт фароҳам меоранд зарур мешуморем.

Дар зербоби охирини ин боб таҳияи дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи ҷараёни қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешниҳоди роҳҳои самаранок гардонидани стратегия ва сиёсати идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба анҷом расонида шудааст. Усулҳои пешниҳодшудаи (диверсификатсия, консентратсияи (таҷаммуи), маҳдудият, захиракунӣ, назарсанҷӣ оид ба роҳҳои пасткунии хавфҳои қарзӣ)-ро бо назардошти ҷудо намудани марҳилаҳои идоракунии хавфҳои қарӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

Инчунин мо пешниҳодҳои муаллифро ҷиҳати он ки дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ дар бонкҳо вобаста ба санадҳои стратегии миллӣ арзёбӣ гардида, чораҳо ҷиҳати баландбардории самаранокии ҷараёни қарздиҳӣ барои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон исрос шудааст ба пуррагӣ дастгирӣ менамоем.

Дар **хулоса ва пешниҳодот (саҳ.164-169)** натиҷагирӣ аз таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда ҷиҳати такмили идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои мушаххас доир ба истифодаи амалии онҳо дида баромада шудааст.

### 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Дар асоси баррасии рисола муайян намудем, ки пешниҳодҳои муаллифро дар раванди такмил додани муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва воситаҳои методии идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан бамаврид аст. Аз тарафи дигар натиҷаҳои ноилшудаи муаллифро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми такмили механизми идора ва рушди идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳудудӣ ва эҳтиёҷоти объективии иқтисодиёти трансформатсионии бозории Тоҷикистон ба назар гирифтани, омилҳое, ки ба рушди он таъсиррасон мавриди истифода қарор додан имконпазир аст.

Инчунин аҳаммияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои муайяни онро дар раванди татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», такмили механизми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамоӣ он метавонанд истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадаст овардаи муаллифро метавон дар раванди ташкили бозомӯзии кормандони бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тайёр кардани мутахассисони ин соҳа дар макотиби олии кишвар дар раванди

омӯзиши фанҳои «Молия, гардиши пул ва қарз», «Фаъолияти бонкӣ», «Идоракунии хвафҳои бонкӣ» истифода намуд.

**6. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои илмии муаллиф дар диссертатсия якчанд камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аз тарафи муаллиф вобаста ба афзалиятҳо ва маҳакҳои ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Новобаста ба ин на ҳамаи ҷанбаҳои назариявии арзёбии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва пешгирию диверсификатсияи онҳо пурратар дар шароити муосир асоснок гардидааст.

2. Дар рисола таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ пешниҳод шудааст. Мутаассифона дар рисола баҳодиҳии самаранокии фаъолияти бонкҳо ва таъсири хавфҳо дар шароити ба вуҷуд омадани тағйиротҳои трансформатсионӣ дар муносибатҳои молиявӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

3. Аз таҳлили рисола бармеояд, ки дар он таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси ҳаматарафа омухтан сурат гирифтааст. Мутаасифона баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон ба раванди идоракунии хавфҳои қарзӣ ба пуррагӣ сурат нагирифта ҳисобҳои суроғавӣ гузаронида нашудааст.

4. Дар диссертатсия моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ хело назаррас пешниҳод шудаанд. Мутаасифона амали шудани онҳо дар минтақаҳои чудогонаи кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

5. Бояд қайд намуд, ки дар рисола таҳияи дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баландбардории самараи ҷараёни қарздиҳии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир пешниҳод гардидааст. Новобаста ба ин манбаъҳои амалисозии ин самтҳо дар микёси кишвар ба пуррагӣ муайян ва натиҷагирӣ нагардидааст. Инчунин ташаккул ва рушди инфрасохтори низоми бонкӣ ва баҳисобгирии он дар раванди арзёбии хавфҳо дур аз таҳқиқ мондааст

6. Дар рисолаи тақризшаванда баъзе норасоиҳои грамматикӣ, услубӣ, орфографӣ ба чашм мерасанд. Баъзе мавҳумҳо таҳрир талаб буда, инчунин дар рисола баъзе калимаҳо бе тарҷума омадаанд, ки забони онро коста менамоянд.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои қайдшуда сифат ва аҳаммияти илмию амалии диссертатсияро паст намекунад ва онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

## 7. Мутобиқати автореферат ва интишороти натиҷаҳои асосии диссертатсия

Автореферати рисола бо ду забон ва интишороти муаллиф натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои диссертатсияро дар бар гирифта дар 25 асари муаллифӣ, аз ҷумла, ҳафт мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

## 8. Хулоса доир ба мутобиқ будани диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Оев А.Д. ба ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Оев А.Д. дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои асосноки илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Дар маҷмӯ бояд қайд намуд, ки рисолаи иҷро намудаи Оев Анис Далатович ба талаботи муқарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, диссертант барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи фаъолияти
гумруки ДДТТ Раҷабов Р.К.

**Суроға**: 734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, E-mail: drrajab@mail.ru.
Тел.: (+992) 934444107.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрхо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.